# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

шурои диссертатсионии 6D.KOA-048- и назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» вобаста ба қабули диссертатсияи Хайрзода Ашуралӣ Гургак дар мавзуи «Сиситемаи методии омода намудани омӯзгорони муосири химия дар радифи муносибати проблемавӣ-ҳамгирой бо назардошти муҳити таълим» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назарияи ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.02 – Назария ва методикаи фанҳои табиӣ (химия))

Комиссия экспертии шурои диссертатсионии 6D.KOA-048 назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» оид ба диссертатсияи Хайрзода Ашуралӣ Гургак дар мавзуи «Сиситемаи методии омода намудани омӯзгорони муосири химия дар радифи муносибати проблемавӣ-ҳамгирой бо назардошти муҳити таълим» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назарияи ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.02 – Назария ва методикаи фанҳои табиӣ (химия)) дар асоси қарори шурои диссертатсионии 6D.KOA-048 аз 19.07.2025, суратсаҷлиси №3 дар ҳайати 3 нафар тасдиқ шудааст:

1. **Шерматов Д.С.** – узви шуро, доктори илмҳои физика-математика аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.02- Назария ва методикаи фанҳои табиӣ (таҳсилоти касбӣ) – раиси комиссия;
2. **Қурбонов Амиршо Соҳибназарович** – узви шуро, доктори илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.02- Назария ва методикаи фанҳои табиӣ (таҳсилоти касбӣ) – узви комиссия.
3. **Назаров А.П.** - доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02. – Назария ва методикаи таълиму тарбия (таҳсилоти умумӣ) – аъзои комиссия;

Комиссияи экспертӣ тадқиқоти диссертатсионии Хайрзода А.Г.- ро омӯхта, мавриди баррасӣ қарор дод. ва ҳисоб мекунад, ки он кори баитмомрасидаи илмӣ-тахассусӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона ва дар сатҳи баланди илмӣ анҷом дода шудааст. Тадқиқоти

диссертатсионии мазкур ба ҳадафҳои стратегии мамлакат мувофиқ буда, бар асоси иқдоми олимона ва фармони саривақтии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон роҷеъ ба эълон гардидани солҳои 2020-2040 «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» (аз 31 январи соли 2020) бахшида мешавад.

Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ва автореферати он ба **самти ихисоси шурои диссертатсионӣ**, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шудааст, мутобиқат мекунад.

Муҳтавои диссертатсия ба **шиносномаи ихтисоси** 13.00.08 – Назарияи ва методикаи таҳсилоти касбӣ, 13.00.08.02 – Назария ва методикаи фанҳои табиӣ (химия) мутобиқ буда, талаботи бандҳои дахлдори онро инъикос менамояд.

Иҷрои ҳадафҳои стратегии мамлакат ба он вобаста аст, ки корҳои илмии анҷомёбанда дар кадом сатҳ ба ҳалли масъалаҳои мубрами кишвар равона мегарданд. Амалигардонии ин ҳадафҳо бидуни истифодаи усулҳои муосири илмӣ ва таълимӣ, тариқи омӯзиш ва иҷрои корҳои озмоишӣ дар факултетҳои химияи муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар ғайриимкон аст. Дар ин робита мавзуи тадқиқотии Хайрзода А.Г. ва натиҷаҳои илмии бадастовардаи ӯ, ки фарогири масъалаҳои омода намудани омӯзгорони муосири химия дар радифи муносибати проблемавӣ-ҳамгирой бо назардошти муҳити таълим мебошад, ҷиҳати амалисозии ҳадафҳои мазкур, кумак мерасонад. Дар заминаи рушд додани методикаи таълими химия дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ метавон дар ҳалли масъалаҳои омода намудани омӯзгорони муосири химия таъсиргузор буд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти довталаб дар 65 интишороти муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 27 мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расида ва 38 адади дигарро мақолаҳои

дар дигар нашрияҳо ба чоп расида ташкил додаанд. Натиҷаҳои мазкурро, ки бо эътимоди кофӣ муҳтавои тадқиқот ва дарунмояи диссертатсияро инъикос мекунанд, дар рушди донишандӯзии донишҷӯён, завқмандии онҳо ба донишандӯзӣ, мустақилияти онҳо зимни методикаи таълими химия босамар истифода бурдан мумкин аст.

Аз натиҷаҳои таҳқиқот ва интишороти довталаб маълум мегардад, ки **талаботи банди** 35- и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267 аз 30.06.2021 бо тағйиру иловаҳо аз 26.06.2023 №295) оид ба нашри натиҷаҳои асосии диссертатсия риоя гардидааст.

**Эътимоднокии** натиҷаҳои диссертатсионӣ бо мутобиқ будани онҳо ба нуктаҳои асосии фалсафа, педагогика, психология, акмеология ва методикаи таълими химия ба даст оварда шуда, методологияи тадқиқоти бисёрсатҳа, таҳлили бисёртарафаи сифатӣ ва миқдори маводи калони далелӣ, натиҷаҳои таҷрибаи педагогӣ, натиҷаҳои коркарди сифатӣ ва миқдори маълумоти таҷрибавӣ ва таҳлили методии онҳо, натиҷаҳои апробатсияи ҳаматарафаи муқаррароти таҳқиқоти диссертатсиониро ташкил додаанд.

Зарурати татбиқ ва мубрамияти диссертатсия аз имконниятҳои таълими химия дар мисоли таълими проблемаӣ-ҳамгироӣ падидор аст. Методикаи таълими проблемавӣ-ҳамгироӣ, ки дар муҳити таълими муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ татбиқ гардида, дар таҳқиқоти мазкур инъикоси худро ёфтааст, ҷиҳати омодагии омӯзгорони муосири химия, мусоидат менамояд.

**Нововарии илмии тадқиқот** аз он иборат аст, ки *бори аввал дар назария ва методологияи таълими химия:*

1. Идеяи муносибати таълими проблемавӣ-ҳамгироӣ ҳамчун афзалияти педагогӣ дар тайёр кардани омӯзгорони муосири химия ба миён гузошта ва асоснок карда шудааст;

2. Консепсияи методикаи омода кардани омӯзгорони муосири

химия дар асоси проблемавӣ-ҳамгирой ба вуҷуд оварда шуда, системаи он таҳия карда шудааст;

3. Барои таҳияи масъалаҳои рушди касбӣ ва шахсии омӯзгорони муосири химия муносибатҳои акмеологӣ, аксиологӣ, фарҳангӣ, салоҳиятнокӣ ва ғайра асоснок ва татбиқ карда шуданд, ки дар байни онҳо муносибати проблемавӣ-ҳамгирой ҳамчун омили ташаккул ва фаъолияти система интихоб карда шуд;

4. Системаи омодасозии донишҷӯён ва арзишҳои касбӣ ва методии омӯзгорони муосири фанни химия муайян ва татбиқ карда шуд;

5. Методологияи интихоб ва сохтори мундариҷаи курсҳои методӣ дар асоси таълими проблемавӣ-ҳамгирой таҳия шудааст, ки пешниҳоди ин мазмунро дар ягонагии сохторҳои берунӣ (зерсистемаи амсилаҳо) ва дохилии (зерсистемаҳои проблемаҳо) он таъмин мекунад;

6. Бунёди омодагии методии омӯзгорони муосири химия бо мутамарказияти маводи назариявии он дар атрофи ғояҳои асосии илм ва проблемаҳои таълимӣ-методӣ, ки дар системаи мундариҷаи курсҳои методӣ бо ақидаҳои ҷаҳонбинӣ ва робитаҳои сабабу оқибат дар сатҳи дохилифаннӣ ва байнифаннӣ муттаҳид шудаанд, ба амал бароварда шуд;

7. Системаи методии методикаи омода кардани донишҷӯён ва магистрантҳо бо истифода аз муносибати таълими проблемавий-ҳамгирой таҳия ва татбиқ карда шуд;

8. Низоми меъёрҳои ҳамгирой ва нишондодҳои сифати методикаи омода кардани омӯзгорони муосири химия бо истифода аз муносибати таълими проблемавӣ-интегративӣ муайян карда шуд;

9. Моҳияти методологии муносибати таълими проблемавӣ-ҳамгирой ошкор ва самтҳои татбиқи он дар амалияи таълими умумӣ ва касбӣ асоснок карда шудаанд.Дар диссертатсия нуктаҳои илмие ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, ки ба масъалаҳои таҳсилоти олии касбӣ соҳаи методикаи таълими химия навгонии илмӣ маҳсуб ёфта, бо хулосаҳои илмӣ асоснок карда шудаанд.

Дар диссертатсия ҳамаи адабиёти истифодашуда бо ишора ба муаллифон ва маъхазҳо тавассути иқтибосоварӣ ба расмият дароварда шуда, пурра риоя шудааст.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз бахшҳои «Муқаддима», «Тавсифи умумии кор», чор боб иборат аз зербобҳо, бахши «Хулосаҳо», «Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия» ва «Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо», «Феҳристи адабиёт ва таълифоти истифодашуда» ва «Феҳристи интишороти довталаби дараҷаи илмӣ» иборат аст.

Ҳаҷми умумии диссертатсия аз 370 саҳифаи матни компютерии бо ёрии протсессори матнии Microsoft Word ҳарфчинишуда иборат буда, 40 ҷадвалу 54 расмро дар бар гирифтааст. Рӯйхати адабиёт фарогири 400 номгӯй мебошад.

Автореферати диссертатсия ва интишороти довталаб мазмуну муҳтавои дисертатсияро пурра инъикос намуда, дар асоси Дастурамали Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия омода гардидааст.

**Натиҷаи умумии экспертизаи комиссияи экспертӣ**

Мубрамии мавзуи таҳқиқот, навгониҳои илмӣ, арзишҳои амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи доктории Хайрзода Ашуралӣ Гургак дар мавзуи «Сиситемаи методии омода намудани омӯзгорони муосири химия дар радифи муносибати проблемавӣ-ҳамгирой бо назардошти муҳити таълим» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назарияи ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.02 – Назария ва методикаи фанҳои табиӣ (химия)) кори таҳқиқотии мустақилона анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва мутобиқи ихтисос ва соҳаи илмии шурои диссертатсионии 6D.KOA-048 омода гадидааст. Диссертатсияи мазкурро барои дарёфти

дарачаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назарияи ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.02 – Назария ва методикаи фанҳои табиӣ (химия)) ба ҳимоя қабул кардан мумкин аст.

Дар асоси банди 56 Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267 аз 30.06.2021 бо тағйиру иловаҳо аз 26.06.2023 №295) комиссияи экспертӣ диссертатсияи Хайрзода Ашуралӣ Гургакро дар мавзӯи «Сиситемаи методии омода намудани омӯзгорони муосири химия дар радифи муносибати проблемавӣ-ҳамгирой бо назардошти муҳити таълим» барои дарёфти дарачаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назарияи ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.02 – Назария ва методикаи фанҳои табиӣ (химия)) таҳлил ва муҳокима намуда, чунин қарор қабул кард.

**Қарори комиссияи экспертӣ**

1. Мавзӯъ ва мазмуни диссертатсияи Хайрзода Ашуралӣ Гургак дар мавзуи «Сиситемаи методии омода намудани омӯзгорони муосири химия дар радифи муносибати проблемавӣ-ҳамгирой бо назардошти муҳити таълим» барои дарёфти дарачаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назарияи ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.02 – Назария ва методикаи фанҳои табиӣ (химия)) ба шиносномаи ихтисоси мазкур ва соҳаи илмии шурои диссертатсионии 6D.KOA-048 назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» мувофиқ буда, дар асоси хулосаи комиссияи экспертӣ дар чаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-048 дар назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгохи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» ба ҳимоя тавсия дода шавад.

2. Пешниҳод мегардад, ки ба ҳайси муассисаи пешбари диссертатсия **МДТ «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ»** таъин карда шавад.

3. Пешниҳод мегардад, ки ба ҳайси муқарризони расмӣ ба диссертатсияи мазкур муҳаққиқони зерини соҳа таъин карда шаванд:

**Раҷабов Умаралӣ** - доктори илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 02.00.04. – Кимиёи физикӣ, профессори кафедраи кимиёи фармасефтӣ ва заҳршиносии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино, **Раҷабзода Сироҷиддин Икром** - доктори илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 02.00.03- Химияи органикӣ, профессори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва **Каримзода Маматқул Бобо** - доктори илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 02.00.03- Химияи органикӣ, профессори, кафедраи технологияи истеҳсолоти химиявии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

4. Пешниҳод мегардад, ки ба нашру панҷкунии автореферат ва инчунин барои дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» гузоштани эълон оид ба ҳимоя ва гузоштани матни диссертатсия ва автореферат иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ:
доктори илмҳои физикаю
математика, профессор — Шерматов Д.С.

Аъзои комиссияи экспертӣ:
доктори илмҳои химия — Қурбонов А.С.

Аъзои комиссияи экспертӣ:
доктори илмҳои педагогӣ, дотсент — Назаров А.П.

*Имзои д.и.п., профессор Шерматов Д.С., д.и.хим. Қурбонов А.С. ва д.и.п. Назаров А.П. - ро тасдиқ мекунам.*

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав — Исозода Т.И.